**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Ба ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 659.3+321.01+1(575.3) (32.811+76;66.3 (2 тоҷик))

**ДАВЛАТАЛИЗОДА ХУРШЕД ДАВЛАТАЛӢ**

# НАҚШИ РАСОНАҲО ДАР ТАШАККУЛИ АФКОРИ УМУМ

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертатсия дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Гулов Сангин Нурович –** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Афсаҳзод Аббос Аълохон** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»;

**Бобоҷонова Мутриба Султоновна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи иттилоот ва технологияҳои робитавии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

**Муассисаи пешбар:** **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав».**

Ҳимояи диссертатсия «16» сентябри соли 2026, соати 13:00 дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суроға: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, толорои шуроҳои диссертатсионӣ; e-mail: zbsh@list.ru; телефон: (+992) 907-307-035) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва тавассути сомонаи www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи «______» ______________ соли 2026 фиристода шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои филологӣ** **Зоириён Б. Ш.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ҷомеаи муосирро бидуни васоити ахбори омма (ВАО) тасаввур кардан ғайриимкон аст. ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ нақши калидӣ дошта, ба дарки равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таъсири амиқ мерасонад. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонӣ, ВАО на танҳо манбаи иттилоот, балки воситаи пурқуввати таъсиррасонӣ ба шуури одамон гардидааст. Ин раванд, алалхусус, барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз қабили Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он расонаҳо ба иҷтимоикунонии сиёсӣ, иштироки шаҳрвандон дар қабули қарорҳои муҳим ва рушди муколамаи ҷамъиятӣ мусоидат мекунанд, дахл дорад.

Давоми асрҳои XX-XXI дар сохтор ва вазифаҳои ВАО тағйироти назаррас ба амал омад. Рушди интернет, технологияҳои мобилӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ оварда расонд, ки тарзи қабул ва интишори иттилоотро ба куллӣ тағйир дод. Дар ин замина, нақши ВАО ҳамчун механизми ташаккули афкори ҷамъиятӣ меафзояд, зеро онҳо дар баробари хабарҳоро интиқол додан, рӯйдодҳоро тафсир намуда, ба афзалиятҳои сиёсии шаҳрвандон таъсир мерасонанд, меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоиро ташаккул медиҳанд.

Дар ҷаҳони муосир ВАО якчанд вазифаи асосиро иҷро мекунад: иттилоотӣ, иҷтимоӣ, сафарбаркунии сиёсӣ, назорат ва фароғат. Таъсири онҳо дар он зоҳир мешавад, ки одамон воқеиятро чӣ гуна дарк мекунанд, дар бораи рӯйдодҳои ҷорӣ чӣ гуна доварӣ мекунанд ва чӣ гуна онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ қарор қабул мекунанд. Омӯзиши ин таъсир махсусан, дар кишварҳое, ки дар онҳо институтҳои демократӣ дар раванди ташаккулёбӣ қарор доранд ва ВАО ба воситаи асосии ҳамкории ҷамъиятӣ табдил меёбанд муҳим аст.

Дар Тоҷикистон мисли бисёр аз кишварҳои дигар, афкори ҷамъиятӣ зери таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла, анъанаҳои фарҳангӣ, хусусиятҳои таърихӣ, низоми сиёсӣ ва

сатҳи рушди технологияҳои иттилоотӣ ташаккул меёбад. ВАО дар ин ҷо нақши махсус дорад, зеро он манбаи асосии иттилоот барои қисми зиёди аҳолӣ мебошад. Телевизион, радио, нашрияҳои чопӣ ва захираҳои интернетӣ тасаввуроти шаҳрвандонро дар бораи рӯйдод, равандҳои сиёсӣ ва тағйироти иҷтимоӣ ташаккул медиҳанд.

Вазъи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар хусусияти кори ВАО ва таъсири онро ба шуури ҷамъиятӣ муайян мекунад. Дар шароити гузариши иқтисодӣ, навсозии сиёсӣ ва афзоиши фаъолияти шаҳрвандӣ, ВАО омили асосии муайянкунандаи сатҳи огоҳии аҳолӣ, муносибати он ба ҳокимият, сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат мегардад. Ғайр аз ин, рушди воситаҳои нави иттилоотрасонӣ, ба монанди шабакаҳои иҷтимоӣ, ки имкониятҳои таъсиррасониро ба афкори ҷамъиятӣ хеле васеъ кардаанд, бояд ба назар гирифта шаванд. Солҳои охир дар Тоҷикистон афзоиши шумораи истифодабарандагони захираҳои интернетӣ ва платформаҳои иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад, ки хусусияти робитаи байни давлат, шаҳрвандон ва ниҳодҳои гуногуни ҷамъиятиро тағйир медиҳад. Ин тағйирот фаҳмиши амиқи илмӣ ва таҳлили механизмҳои таъсири ВАО ба шуури оммаро талаб мекунанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар раванди таҳлил ва таҳқиқи мавзуи мазкур аз сарчашмаҳои гуногуни илмӣ, оммавӣ ва ҳуқуқӣ, ки паҳлуҳои гуногуни фаъолияти ВАО дар Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст, истифода шудааст. Мавзуи таъсири ВАО дар шаклгирии афкори умум барои ҷомеаи Тоҷикистон нисбатан мавзуи нав мебошад. Аз ин ҷост, ки маводи илмӣ ва публитсистии мустақиман ба мавзуъ дахлдошта нисбатан камтар аст. Аммо дар ҷараёни таҳқиқ аз маводу мақолаҳои гуногуне, ки ба самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, таърих ва ғайра тааллуқ доранд, истифода шудааст.

Ташаккули афкори ҷамъиятӣ таҳти таъсири ВАО дар Тоҷикистон раванди мураккаб буда, таҳлили муфассали илмиро талаб мекунад. Имрӯзҳо таҳқиқи ин падида вазифаи

муҳим боқӣ мемонад, зеро ҳамкории байни ҷомеа ва муҳити ВАО таҳти таъсири омилҳои технологӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ пайваста рушд мекунад. Дар гуфтугӯйи илмӣ якчанд равиш барои омӯзиши нақши ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ мавҷуданд. Сиёсатшиносон ва ҷомеашиносон ВАО-ро ҳамчун воситаи муҳимми таъсиррасонӣ ба равандҳои интихоботӣ, механизми қонунигардонии ҳокимият ва воситаи сафарбаркунии ҷамъиятӣ меҳисобанд. Равоншиносон таъсири ҷараёни иттилоотро ба равандҳои маърифатӣ ва қабули қарорҳо нисбат медиҳанд. Журналистон ва муҳаққиқони ВАО ба масъалаҳои объективӣ, мустақилият ва сензура дар кори ВАО таваҷҷуҳ доранд. Дар Тоҷикистон таҳқиқоти марбут ба таъсири танзими давлатӣ ба озодии матбуот, рушди расонаҳои мустақил, нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар паҳн кардани иттилоот ва таъсири мундариҷаи ВАО ба ташаккули ҳувияти миллӣ муҳим шуморида мешавад. Аз ин рӯ, адабиёти марбутаро шартан метавон ба 5 гурӯҳ ҷудо намуд:

1. Пажуҳишҳои илмии муҳаққиқони тоҷик, ки вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ анҷом шудааст. Ба ин гурӯҳ метавон диссертатсияҳо, мақолаҳои илмӣ ва асару китобҳои гуногуни олимон И. Усмонов, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, М. Имомзода, П. Гулмуродзода, Д. Давронов, М. Муродӣ, М. Муқимов, Ҷ. Саъдуллоев, М. Абдуллозода, Н. Солеҳов, Г. Зокиров, С. Гулов, Б. Ҳошимзода, К. Искандаров, М. Ҷумъаев, З. Эшматов, Н. Усмонова, А. Макашов, И. Мирзоев, Х. Сафарзода, М. Сафарзода ва дигаронро шомил кард.

2. Дар ҷаҳони имрӯза нақши ВАО ва таъсири он миёни ҷомеа басо бузург буда, бевосита ба шаклгирии сиёсати давлатҳову ҳукуматҳо таъсир мерасонад, аз ҷониби муҳаққиқони кишварҳои хориҷӣ ин самт пажуҳишҳои муҳим сурат гирифтааст. Аз ҷумла, дар мақолаву асарҳои Д. Алиакбари, А. Алиев, Я. Амашов, Л. Егорова, Б. Грушин, В. Ленин, М. Лойко, Р. Муҳаммад, Е. Прохоров, В. Понамеров, Е. Пронина, В. Кузнетсов, Ю. Тсзик, Я. Юровский, В. Руднитский ва дигарон самтҳои гуногуни таъсири ВАО

миёни аҳолӣ ва ҷомеаи кишварҳои гуногун мавриди таҳлил қарор гирифта, хусусиятҳои хоси таъсири сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангии ин воситаи пурқудрати таъсиррасониро муайян намудаанд.

3. Қонунҳо ва меъёрҳои қонунгузории миллӣ, ки дар фаъолияти ВАО-и ватанӣ хос буда, самтҳои гуногуни онро дар асоси талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мамлакат ба танзим медароранд.

4. Мақолаҳои илмию оммавӣ дар матбуоти даврӣ ва барномаҳои телевизиониву радиоӣ. Мақолаҳо дар матбуоти даврӣ ва шабакаҳои интернетӣ, барномаҳои радиоӣ аз сарчашмаҳои дигаре буданд, ки дар кор истифода шудаанд. Корбаст аз адабиёти марбута ва манбаъҳои зикргардида, дар раванди омӯзиши мавзуи диссертатсия имкон дод, ки ба бисёре аз паҳлуҳо баҳои илмӣ дода шавад. Дар ин радиф, метавон навиштаҳои олимону муҳаққиқони тоҷик, аз ҷумла, С. Ятимов, А. Азимов, Н. Камол, М. Муқимов, А. Рӯзӣ ва дигаронро дохил намуд.

5. Натиҷаҳои пурсишномаҳои ҷомеашиносӣ. Бо мақсади бештар самаранок гардонидани натиҷаи таҳқиқоти илмӣ, миёни аҳолӣ пурсишномаҳои сотсиологӣ гузаронида шуд, ки дар қисмати таҳлилии диссертатсия корбаст гардидааст.

Аҳаммияти тадқиқот бо моҳияти амалии мушкилот ва бо зарурати дарки назариявии равандҳои ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар шароити муҳити тағйирёбандаи ВАО вобаста аст. Омӯзиши илмии таъсири ВАО ба шуури ҷамъиятӣ имкон медиҳад, ки механизмҳои муоширати иҷтимоӣ ба таври амиқ маърифат гардида, тамоюлҳои асосӣ ва омилҳои муайянкунандаи сиёсати иттилоотии давлат ошкор карда шаванд. Дар ҷаҳони муосир таваҷҷуҳ ба таҳқиқоти байнисоҳавии ВАО, аз ҷумла, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ ва фарҳангшиносӣ меафзояд. Таҳлили ҳамкории ВАО ва ҷомеа дар Тоҷикистон имкон медиҳад, ки заминаи назариявии таҳқиқоти илмӣ ба таври васеъ омӯхта

шуда, ба рушди фазои ВАО-и кишвар тавсияҳои мушаххас пешниҳод карда шавад.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ ба барномаҳои таълимӣ ва илмии самтҳои рӯзноманигорӣ алоқамандии амиқ дорад. Масъалаи таҳқиқшаванда як ҷузъи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Ҳамчунин диссертатсия ба ҳадафҳои татбиқи барномаҳои давлатии соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла «Барномаи давлатии рушди телевизион ва радио дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2020, №429) ва «Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2025, №461) мувофиқат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ** таҳлили ҳамаҷонибаи нақши воситаҳои ахбори оммаро дар раванди ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Дар доираи тадқиқот механизмҳои таъсири ВАО ба шуури ҷамъиятӣ баррасӣ гардида, омилҳои асосии муайянкунандаи дараҷаи таъсири иттилоотӣ омӯхта шудааст.

Таҳқиқот ба муайян кардани хусусиятҳои фаъолияти расонаҳои миллӣ ва байналмилалӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистон, инчунин, таҳлили нақши онҳо дар ташаккули ақидаҳои сиёсӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва муносибатҳои иҷтимоии шаҳрвандон равона шудааст. Дараҷаи эътимоди аҳолӣ ба манбаъҳои гуногуни иттилоот, таъсири расонаҳои рақамӣ ва анъанавӣ ба дарки ҷамъиятии рӯйдодҳои муҳим, инчунин, нақши расонаҳои давлатӣ ва мустақил дар паҳн кардани иттилооти объективӣ минбаъд омӯхта мешавад. Дар асоси таҳлилу таҳқиқи анҷомшуда, тавсияҳо оид ба баланд

бардоштани самаранокии кори ВАО дар шароити муҳити муосири иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия мегардад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои ноил гардидан ба мақсади зикршуда, муайян намудани махсусиятҳои бозтоби фаъолият, хусусиятҳои хос ва таъсири ВАО дар шаклгирии афкори ҷомеа ҳалли вазифаҳои зеринро зарур меҳисобем:

- таҳқиқи равишҳои асосии назариявӣ оид ба омӯзиши таъсири ВАО ба афкори ҷамъиятӣ;
- баррасии технологияҳои муосири ВАО ва таъсири онҳо ба дарки иттилоот аз ҷониби шунавандагон;
- тавсифи сохтор ва хусусиятҳои фаъолияти расонаҳои анъанавӣ ва рақамӣ дар кишвар;
- муайян намудани таъсири ВАО-и давлатӣ ва мустақил ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ;
- таҳлили таҷрибавии таъсири ВАО ба афкори ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон;
- гузаронидани пурсиши сотсиологӣ ё таҳлили мундариҷаи нашрияҳо оид ба матбуоти мубрами ҷамъиятӣ;
- арзёбии дараҷаи эътимоди аҳолӣ ба намудҳои гуногуни ВАО (давлатӣ, мустақил, иҷтимоӣ);
- муқоисаи сатҳи эътимоди аҳолӣ ба ВАО ва платформаҳои интернетӣ;
- муайян кардани омилҳои ба дарки иттилоот аз ҷониби аҳолӣ таъсиррасон;
- таҳлили василаҳои идоракунии афкори ҷамъиятӣ тавассути ВАО.

**Объекти таҳқиқро** васоити ахбори оммаи ватанӣ (телевизион, радио, нашрияҳои чопӣ, захираҳои интернетӣ) бо дарки равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишвар ташкил менамояд.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқ** – таъсири воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар кор шаклҳо ва намудҳои гуногуни ВАО-и анъанавӣ (телевизион, радио, нашрияҳои чопӣ) ва платформаҳои рақамии муосир (захираҳои интернетӣ,

шабакаҳои иҷтимоӣ) таҳлил карда шудаанд. Василаҳои таъсири ВАО ба шуури ҷамъиятӣ, инчунин, нақши журналистон, сиёсати иттилоотӣ ва фаъолияти ВАО дар ташаккули афкор ва руҳияи ҷамъиятӣ дар шароити хусусиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Дар диссертатсия таълифоти назарӣ ва амалии донишмандони тоҷику хориҷӣ, ба монанди И. Усмонов [32; 33; 34; 35; 36], С. Ятимов [39], М. Имомовзода [9], А. Саъдуллоев [ 26; 27; 28], А. Нуралиев [22], П. Гулмуродзода [5], М. Муродӣ [18; 19; 20], М. Муқимов [15; 16], Ҷ. Саъдуллоев [28], М. Абдуллозода [1], А. Азимов [2], Р. Бобоҷонова [3], Г. Зокиров [8], Н. Солеҳов [29], Ш. Муллоев [17], З. Муъминҷонов [21], Б. Ҳошимзода [11; 12], С. Хоҷазода [37], Н. Бозорзода [4], С. Гулов [6; 7], М. Ҷумъаев [7], Д. Давронов [34] , Н. Усмонова [35], Х. Сафаров [25], М. Сафарзода [24], З. Эшматов [38] К. Искандаров [10], А. Макашов [14], В. Руднитский [14] ва дигарон истифода шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқро** чунин метавон асоснок намуд:

- дар натиҷаи таҳлили мазкур бори аввал дар Тоҷикистон шаклҳои гуногуни таъсиррасонии иттилоотӣ тавассути ВАО ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва шаклгирии андешаву ақоиди аҳолӣ баррасӣ гардидааст;
- нақши шаклҳои гуногуни ВАО дар шаклгирии афкори ҷамъиятӣ ба таври алоҳида таҳлил карда шуда, вижагиҳои ин таъсир дар ниҳояти қабули қарорҳои сиёсӣ муайян карда шуд;
- тавассути гузаронидани пурсишномаҳои ҷомеашиносӣ миёни қишрҳои гуногуни аҳолӣ ва мутахассисони соҳаи рӯзноманигорӣ, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ андешаҳои онҳо муайян гардида, хулосаҳои эътимоднок пешниҳод карда шуд;
- дар натиҷаи таҳлили пурра ва ҳаматарафаи мавзуъ чандин барномаву пешниҳодҳо, ки ба ташаккули самтҳои

гуногуни фаъолияти ВАО дар Тоҷикистон нигаронида шудааст, пешниҳод гардид;

- масъулияти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои танзимкунандаи сиёсати давлатӣ дар бахши сиёсати иттилоотӣ мушаххасан таъкид гардида, ба баррасии масъалаҳои ВАО таваҷҷуҳ шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Омӯзиш нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расонаҳои анъанавӣ, бахусус воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ дар ташаккули афкори умум мавқеи асосӣ дошта, тавассути инъикоси сиёсати давлатӣ ва масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ба ташаккули мавқеи шаҳрвандон таъсири назаррас мерасонанд.

2. Аз баррасиҳои илмӣ бармеояд, ки дар баробари расонаҳои анъанавӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои нави иртиботӣ тадриҷан ба унсури муҳимми фазои иттилоотӣ табдил ёфта, махсусан, дар байни ҷавонон ҳамчун манбаи ташаккули афкор, мубодилаи иттилоот ва иштирок дар муҳокимаҳои ҷамъиятӣ нақши афзоянда доранд.

3. Таҳлилҳои муқоисавӣ нишон медиҳад, ки самаранокии таъсири расонаҳо ба афкори умум аз сатҳи эътимоди ҷомеа ба воситаҳои ахбори омма, сифати муҳтаво, касбияти фаъолияти журналистӣ ва мутобиқати иттилооти пешниҳодшаванда ба манфиатҳои ҷомеа вобастагӣ дошта, рушди муҳити иттилоотии рақамӣ тақозои такмили сиёсати иттилоотӣ ва заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти расонаҳоро ба миён меорад.

4. Таҳқиқ собит менамояд, ки дар шароити ҷаҳонишавии иттилоот нақши воситаҳои ахбори омма дар таҳкими ҳувияти миллӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва суботи иҷтимоӣ афзуда, ҳамзамон истифодаи самараноки имкониятҳои расонаҳои миллӣ барои муқовимат ба таъсироти манфии иттилоотии ғайр ва ташаккули афкори солими ҷамъиятӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили сиёсати иттилоотии давлатӣ, баланд бардоштани саводнокии расонаӣ, таҳияи стратегияҳо оид ба таъмини мустақилият ва объективияти ВАО истифода шаванд. Илова бар ин, барои беҳтар кардани омодагии касбии рӯзноманигорон, ташкили механизмҳои самараноки танзими фаъолияти ВАО ва баланд бардоштани сатҳи эътимоди ҷомеа ба он метавонад замина гузорад. Таҳқиқи нақши ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон вазифаи муҳимми илмӣ буда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Бо дарназардошти низоми ВАО ва таъсири он ба равандҳои ҷамъиятӣ, омӯзиши ин мавзуъ ба фаҳмиши амиқи василаҳои шуури ҷамъиятӣ ва тағйирёбии онҳо дар шароити асри рақамӣ мусоидат мекунад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳалаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд. Ҳамзамон, муаллифи диссертатсия тӯли солҳои зиёд дар соҳаи рӯзноманигории ватанӣ фаъолият намуда, мавзуъро аз лиҳози илмӣ ва амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D050401 – Рӯзноманигорӣ ва муҳтавои он ба талаботи муқарраршуда оид ба таҳияи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос мутобиқат менамояд.

Дар доираи ин ихтисос масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ба бандҳои 7, 9, 10 ва 11-и қисми «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмӣ мутобиқат доранд:

- навъҳои ВАО ва вижагии фаъолияти онҳо;
- дискурси ВАО (таҳқиқи таҳлилӣ);
- ВАО ва ҷаҳони иттилоотӣ;
- ҷанбаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии рушди рӯзноманигорӣ.

Диссертатсия ба таҳқиқи нақши воситаҳои ахбори омма дар ташаккули афкори умум, таҳлили фаъолияти расонаҳои анъанавӣ ва рақамӣ, арзёбии таъсири онҳо ба шуури ҷамъиятӣ ва омӯзиши равандҳои рушди фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, ба доираи таҳқиқоти пешбининамудаи шиносномаи ихтисоси илмии мазкур ворид мегардад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** дар ҷамъоварии маводи зарурӣ, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани мақолаҳо ва маърӯзаҳо доир ба мавзуъ зоҳир мегардад. Диссертант дар машварат бо роҳбари илмӣ дар коркарди мавзуъ, дараҷа ва робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифа, объект, фарзия, марҳала, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонии илмӣ саҳми шахсии худро гузоштааст. Масъалаҳои асосии таҳқиқ тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии унвонҷӯ дар диссертатсия, мақолаҳои илмӣ, маърӯза дар конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд. Мақолаҳои илмии диссертант натиҷаи таҳқиқоти ӯ буда, дар шакли маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои гуногун пешниҳод гардидаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар шакли маъруза дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳии илмию назариявӣ ва илмию амалӣ (солҳои 2018-2024) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бахшҳои асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва барои ҳимоя тавсия гардидаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратмаҷлиси №7, аз 22.01.2026 ) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мазмуну моҳияти асосии диссертатсия дар 16 мақола, аз ҷумла, 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар маҷмуаҳои илмӣ ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт, замимаҳо иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 182 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚ (ФИШУРДА)

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети омӯзиш, асосҳои назариявӣ ва навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳо, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муаррифӣ карда шудааст.

**Боби аввали** диссертатсия **«Телевизион ва нақши он дар ташаккули афкори умум»** номгузорӣ шудааст. Дар ин боб заминаҳои назариявии мавзуи таҳқиқ мавриди баррасӣ қарор гирифта, мафҳуми «афкори умум» ва хусусиятҳои ташаккулёбии он таҳти таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва иттилоотӣ таҳлилу арзёбӣ мешавад. Таърифи афкори умум аз дидгоҳи муҳаққиқон (аз ҷумла, Волтер Липпман, Гаролд Лассуэлл, Ноам Хомский ва дигарон) оварда шуда, мушаххас карда мешавад, ки расонаҳо чӣ гуна «тасаввурот дар сарҳо» [4, с. 45]-и оммаро эҷод менамоянд. Нақши телевизион ҳамчун таъсиргузортарин василаи ахбори омма махсус таъкид гардида, ҳамчунин, дар бораи эволютсияи таърихии ВАО маълумот дода шудааст: ба миён омадани телевизион

дар асри XX, рушди жанрҳои телевизионӣ, тавсеаи аудитория ва таъсири он ба тарзи зиндагӣ ва афкори одамон. Ба таври мисол, барномаҳои «Телевизиони Тоҷикистон» таҳлилу таҳқиқ мешавад. Телевизион бо имкониятҳои техникӣ ва қобилияти фаврии визуалӣ доштани худ, дар баробари матбуоту радио, то чӣ андоза ба шуури ҳаррӯзаи ҷомеа таъсир мерасонад, пажуҳиш гардидааст. Ҳамчунин, дар боби I мафҳуми «ҷангҳои иттилоотӣ» шарҳ дода шудааст. Таҳлилҳои назариявӣ ва мисолҳо аз таҷрибаи охири асри XX ва ибтидои асри XXI нишон медиҳанд, ки муборизаҳои иттилоотӣ ба афкори омма ҳамчун ҷузъи ҷанги равониву идеологӣ таъсир расонда метавонанд. Дар замони муосир телевизион ва дигар расонаҳо на танҳо ахбор медиҳанд, балки дар сатҳи равонӣ рафтори ҷомеаро ҳамоҳанг месозанд ва яке аз атрибути асосии ташаккули афкори умум ба шумор меравaнд.

**Фасли якуми ин боб «Нақши расонаҳо дар шаклгирии афкори умум»** номгузорӣ шудааст. Дар он афкори умум ҳамчун падидаи муҳимми шуури иҷтимоӣ аз дидгоҳи илми классикӣ ва муосир шарҳ ёфта, нишон дода мешавад, ки он натиҷаи ҳамтаъсирии омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иттилоотӣ буда, ба сифати механизми танзими муносибатҳои иҷтимоӣ амал мекунад. Таҳлили назариявӣ бо истинод ба Липпман, Дюи, Лассуэлл ва дигарон равшан месозад, ки афкори умум раванди муназзами ташаккули арзёбӣ, тамоюл ва мавқеи иҷтимоӣ мебошад, ки дар заминаи маълумот, таҷриба ва муҳити иҷтимоӣ шакл мегирад. «Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, дар асри иттилоот, ки нақши васоити ахбори оммаро боло бурдааст, дар ҳоле ки имкониятҳои нави дастрасӣ ба иттилоот ягон марзро намешиносад, воситаҳои ахбор ҳамчун неруи пуриқтидор барои амалӣ намудани ҳадафҳои геополитикӣ истифода шуда истодаанд ва ҳар замон имкони сар задани таркиши иттилоотӣ ҳаст» [11, с. 4], – таъкид мекунад Х. Раҳимҷонов.

Дар зербоб таъкид мешавад, ки афкори умум тавассути каналҳои институтсионалӣ, аз ҷумла, ВАО, гурӯҳҳои гуногуни хабаррасон ва элитаи сиёсӣ ҳидоят гардида, дар ҷомеа ҳамчун омили муҳимми таъсир ба сиёсат, қонунгузорӣ ва динамикаи иҷтимоӣ баромад мекунад.

Ҳамин тавр, дар фасл ҷойгоҳи афкори умум дар низоми иҷтимоӣ ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи иштирок, худшиносии шаҳрвандӣ ва фаъолнокии сиёсӣ арзёбӣ шуда, хусусияти тағйирёбанда ва контекстии он баррасӣ мегардад. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар шароити ҷомеаҳои гузариш, аз ҷумла, дар Тоҷикистон афкори умум бештар вобаста ба ВАО, анъанаҳои иҷтимоӣ ва муҳити сиёсӣ ташаккул меёбад ва аз ин рӯ, таҳқиқи он барои дарки равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Равиши назариявӣ нишон медиҳад, ки афкори умум метавонад ҳамчун абзори сафарбарсозӣ, қонунбандӣ ва ҳамчунин, танқид ба ҳокимият ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ амал намояд.

**Дар фасли дуюм, ки «Таъсири муборизаҳои иттилоотӣ ба афкори умум»** ном дорад, таъкид мешавад, ки дар шароити ҷаҳони рақамӣ муборизаҳои иттилоотӣ ба як унсури асосии рақобати геополитикӣ табдил ёфтаанд, ки тавассути онҳо давлатҳо, қувваҳои трансмиллӣ ва гурӯҳҳои манфиатдор мекӯшанд, афкори умумро шакл диҳанд, идора кунанд ва ба самти дилхоҳи худ равона созанд. Аз таҳлили назариявӣ бармеояд, ки ҷанги иттилоотӣ аз паҳн кардани маълумоти таҳрифшуда, фейк-ахбор, таблиғот ва фреймсозӣ иборат буда, он ба механизмҳои қабул, эътимод ва арзёбии воқеият таъсири амиқ мерасонад. Ин раванд бо моделҳои «Agenda-Setting», «Framing» ва «Propaganda Model» дақиқ шарҳ дода мешавад, ки тибқи онҳо расонаҳо на танҳо воқеаро инъикос мекунанд, балки воқеиятро месозанд.

Барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла, Тоҷикистон, хатари муборизаҳои иттилоотӣ бештар ба муносибати байни ВАО-и миллӣ ва манбаъҳои хориҷӣ рабт гирифта, метавонад ба амнияти иттилоотӣ, арзишҳои миллӣ ва суботи иҷтимоӣ таъсир расонад. Ноқисии дастрасӣ ба иттилооти боэътимод,

сатҳи пасти саводи расонаӣ ва вобастагии аудитория ба шабакаҳои хориҷӣ метавонад муҳити иттилоотиро осебпазир созад ва ба ташаккули афкори умум таъсири ғайримустақим ва қавӣ расонад. Ин зербоб зарурати таҳкими амнияти иттилоотӣ ва баланд бардоштани қобилияти таҳлилӣ-танқидии ҷомеаро ҳамчун омили муқовимат ба фишорҳои иттилоотӣ нишон медиҳад.

**Дар фасли сеюми боби якум «Фаъолияти телевизион дар самти шаклдиҳии афкори умум»** таъкид мегардад, ки телевизион дар Тоҷикистон ҳам дар давраи Шуравӣ ва ҳам дар замони истиқлол ҳамчун абзори марказии ташаккули афкори умум амал карда, бо сабаби фарогирии васеъ, хусусияти визуалӣ ва қобилияти таъсири эҳсосӣ нақши калидии иттилоотӣ ва фарҳангӣ дорад. Таҳлил нишон медиҳад, ки телевизион дар баробари паҳн кардани хабарҳо, арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоиро интиқол дода, дар ташаккули ҷаҳонбинии сиёсӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон саҳми калон мегузорад. Мутобиқи моделҳои коммуникатсионӣ, телевизион метавонад тавассути фреймсозӣ, интихоби мавзуъҳо ва тарзи пешниҳоди иттилоот ҳидоятгари афкори ҷамъиятӣ бошад. Таркиби жанрӣ ва мазмунии барномаҳои телевизионӣ аз ток-шоу то барномаҳои таҳлилӣ ба самти тафаккури аудитория таъсири мустақим мерасонад ва эътимоди ҷомеа ба ин василаи ахбор нақши ҳалкунанда мебозад. Таҳлил равшан месозад, ки бо вуҷуди рушди шабакаҳои иҷтимоӣ, телевизион дар Тоҷикистон то ҳол манбаи асосии иттилоот барои аксари аҳолӣ мебошад ва маҳз сифати муҳтаво, касбият ва мустақилияти таҳлилӣ муайян мекунад, ки то кадом андоза он метавонад ба афкори умум ба таври мутавозин, масъулиятнок ва таҳлилӣ таъсир расонад. Дар ин замина муҳаққиқ З. Эшматов бар он назар аст, ки «кормандони телевизион ҳануз наметавонанд талаботи рӯзафзуни бинандагонро пурра қонеъ созанд. Барномаҳо аз ҷиҳати ороиши визуалӣ, мазмуну муҳтаво сатҳи паст дошта, ҷустуҷӯҳои эҷодӣ кам ба назар мерасанд. Илова бар ин, шумораи шоуҳои беарзиш зиёд буда, шахсияти журналистон

дар эфир ноаён аст; гоҳе одамони тасодуфӣ ва бесалиқа ба барномаҳо ҷалб мегарданд ва сатҳи дониш ва маҳорати касбии кормандони соҳа, аз ҷумла наворбардорон ва овознигорон, қонеъкунанда нест» [19, с. 84].

Дар ин фасл зарурати навсозии стандартҳои телевизион, боло бурдани сатҳи касбии журналистон ва мутобиқ сохтани муҳтаво ба ниёзҳои ҷомеаи муосир таъкид мешавад.

**Дар боби дуюм «ВАО-и ватанӣ ва бунёди афкори созанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** нақши расонаҳои дохилӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ таҳқиқ шуда, матбуоти даврии тоҷик ҳамчун яке аз аввалин василаҳои нашри иттилоот таҳлил мешавад. Дар заминаи маводу матолиб баррасишудаи рӯзномаи «Ҷумҳурият» муайян карда шуд, ки матбуоти ватанӣ дар давраҳои гуногун то чӣ андоза масъалаҳои мубрами сиёсиву иҷтимоӣ бозтоб карда, афкори созандаи ҷомеаро ташаккул бахшидааст. Аз ҷумла, таҳлил гардидааст, ки дар охири солҳои 1980 ва аввали солҳои 1990 (даврони таҳаввулоти сиёсӣ) рӯзномаи «Ҷумҳурият» бо чопи мақолаҳои таҳлилӣ ва танқидӣ чӣ гуна афкори умумро таъсир мерасонад [23]. Маводи нашршуда дар матбуоти тоҷик аз лиҳози муҳтаво ва жанр таҳлил шуда, нақши онҳо дар ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ҳамгунсозии афкори ҷомеа нишон дода шудааст. Дар фасли дуюми боб ба телевизиони тоҷик ва хусусиятҳои барномаҳои он дар фазои иттилоотӣ иртибот мегирад. Фаъолияти «Телевизиони Тоҷикистон» дар солҳои соҳибистиқлолӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифта, ҷанбаҳои гуногуни сиёсати таҳририя (редаксионӣ), мазмун ва жанри барномаҳои асосии иттилоотиву таҳлилии телевизион таҳлилу пажуҳиш шудааст [22]. Телевизиони миллӣ дар тарғиби арзишҳои давлатдорӣ, пайгирии рушди ҷомеа ва талқини руҳияи ватандӯстӣ байни шаҳрвандон нақши муассир бозидааст. Ҳамзамон, баъзе камбудӣ ва мушкилоти матбуоту телевизиони ватанӣ низ зикр мешаванд, аз ҷумла, маҳдуд будани гуногунии афкор дар бархе нашрияҳои расмӣ, ниёз ба такмили маҳорати касбии кормандони расонаҳо ва

ғайра. Дар анҷом расонаҳои миллии Тоҷикистон қобилияти ташаккули афкори созандаи ҷомеаро доранд, бо шарте ки мустақилияти таҳририявиашон таъмин ва дастрасии афкори гуногун ба минбари онҳо бештар гардад.

**Фасли аввали боби дуюм «Матбуот – василаи аввалини нашру паҳни иттилоот»** ном дошта, матбуот ҳамчун куҳантарин ва классикитарин воситаи ахбори омма, аз оғоз то имрӯз яке аз абзорҳои асосии ташаккули маърифати ҷамъиятӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ мавриди корбаст қарор гирифтааст. Таърихи матбуот аз ихтирои матбаа ва сухани чопӣ дар Аврупо бо номи Иоҳанн Гутенберг оғоз мегардад, ки заминаи инқилоби иттилоотӣ ва фарҳангиро гузошт, вале дар Осиёи Миёна ва минтақаи тоҷикнишин ин раванд дертар, аз асри XIX ба воситаи «Туркестанские ведомости» ва сипас тавассути рӯзномаҳои форсиву тоҷикӣ амалӣ шуд. Маҳз бо зуҳури «Бухорои Шариф» ва «Тӯрон» матбуоти тоҷик ба сифати ниҳоди маърифатӣ ва ислоҳталабона поягузорӣ гардид. Маорифпарварон матбуотро чун «дармонбахши дардҳои маънавӣ» ва воситаи тарғиби илм, бедорӣ, тарбияи ахлоқ ва ташаккули афкори умум дарк карда, бо вуҷуди фишору маҳдудиятҳо барои таъсиси он тамоми захираҳои зеҳнию моддии худро сафарбар намуданд. Баъдтар нашрияҳое чун «Овози тоҷик» дар самти ҳифзи ҳастии миллии тоҷикон, забони модарӣ ва манофеи миллӣ дар шароити ҳукмронии пантуркизм ва рақобатҳои шадиди идеологӣ нақши таърихӣ бозиданд. Дар идома фасли мазкур нишон медиҳад, ки дар давраи Шуравӣ матбуоти тоҷик, бо вуҷуди таблиғотӣ ва якранг будани муҳтавои идеологӣ, ба тарғиби саводнокӣ, сохтмони иҷтимоӣ, бедории сиёсию миллӣ ва густариши забони тоҷикӣ мусоидат кард.

«Бояд иқрор шуд, ки дар ҳеҷ давру замон барои фаъолияти матбуот мисли даврони истиқлол шароиту имконоти иҷтимоиву замонӣ ва ҳуқуқиву қонунӣ набуд. Басо хуш аст, ки дар шароити кунунии Тоҷикистон низоми гуногуни матбуот ташаккул ёфта, заминаҳои ҳуқуқии

фаъолияти нашриёҳои мухталиф ба вуҷуд омадааст. Имрӯз дар кишвари мо системаи нави матбуот ҳукмфармост. Баробари нашриёҳои расмию давлатӣ, фаъолият доштани нашриёҳои ҳизбию шахсӣ, тиҷоратӣ, фарҳангию маънавӣ далели гуногунрангу хоси демократия будани матуботи тоҷик аст» [9, с. 36]. Саҳми матбуот дар заминагузории истиқлоли кишвар, тарғиб ва талқини худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, дӯстию иттифоқ, шинохти якпорчагии Ватан саҳми калон мегузорад. Муҳаққиқи тоҷик М. Муродов доир ба ин масъала чунин таъкид мекунад: «Матбуот чун воситаи классикии воситаи ахбори омма аз омилҳои муҳимтарини инъикоскунандаи воқеоти зиндагӣ, ташаккулдиҳандаи афкори иҷтимоӣ буда, дар ҳар давру замон на танҳо ба ҳисси ватандорӣ, худшиносию ифтихори миллӣ мусоидат кардааст, балки майда-майда халқи моро ба пояи худогоҳӣ расонидааст. Тавассути он мо моҳияти зиндагӣ, муаммоҳои ҳаёт, тараққиёт, иқтисодиёт, инкишофи адабиёту санъат ва амсоли инро дарк намудем, муносибати худро ба дунё фаҳмидаву арзиш гузоштем. Ҳамчунин, нақши матбуотро дар шинохту дарки моҳияти ҳастии иҷтимоии миллат, орзую омол ва мақсаду вазифаҳои навбатии он, сарфаҳм рафтан ба ҳастии маънавии шахс ва халқ, нодида гузаштан аз рӯйи инсоф нахоҳад буд. Агар ба таърихи матбуоти тоҷик назар афканем, ба ҳақиқати ин гуфтаҳо шубҳа намекунем» [9, с. 22].

Дар ин замина, рӯзномаи «Ҷумҳурият» ҳамчун «модари матбуоти тоҷик» ҷойгоҳи хосса пайдо намуд. Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ давраи нави инкишофи матбуот оғоз ёфта, фазои нисбатан озоди иттилоотӣ ва гуногунандешӣ ба вуҷуд омад. Нашриёҳои давлатӣ, ҳизбӣ, хусусӣ, соҳавӣ ва мустақил ҳамзамон амал карда, ба рангорангии афкори умум ва демократӣ шудани муҳити сиёсиву иҷтимоӣ таъсир расониданд. Гарчанде дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ бархе нашриёҳо бо истифода аз эҳсосоти иҷтимоӣ ба шиддат гирифтани ихтилофҳо мусоидат намуданд, дар маҷмуъ, матбуоти тоҷик дар марҳалаҳои гуногун ба хотири сулҳу

субот, ваҳдати миллӣ, таҳкими худшиносии миллию давлатӣ ва ҳамзамон, танқид ва ислоҳи камбудиҳои иҷтимоӣ хизмат карда, рисолати худро ҳамчун василаи аввалини нашру паҳни иттилоот ва абзори пуриқтидори таъсир ба афкори ҷомеа иҷро намудааст.

**Дар фасли дуюми ин боб «Нақши матбуоти даврӣ дар ташаккули афкори умум (дар мисоли нашрияи «Ҷумҳурият»)»** нақши матбуоти даврӣ дар ташаккули афкори умум дар замони рақобати шадиди иттилоотӣ баррасӣ гардида, рӯзномаи «Ҷумҳурият» ҳамчун намунаи барҷастаи мутобиқшавии матбуоти анъанавӣ ба шароити муосир таҳлил мешавад. Ин фасл вобаста ба муҳтавои таҳлилии худ «Нақши матбуоти даврӣ дар ташаккули афкори умум (дар мисоли нашрияи «Ҷумҳурият»)» унвон гирифтааст. Муҳаққиқ нишон медиҳад, ки новобаста аз густариши шабакаҳои иҷтимоӣ ва ВАО-и электронӣ, «Ҷумҳурият» тавассути навсозии муҳтаво, шакл ва услуб, нигоҳ доштани сатҳи баланди касбӣ, забони равону фаҳмо, гуногунжанрӣ ва фарогирии мавзуъҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва амниятӣ мақоми худ ҳамчун нашрияи бонуфуз ва таъсиргузорро ҳифз намудааст. Тавассути бозтоби раванди истиқлол, ваҳдати миллӣ, бунёди НБО-и «Роғун», ташаббусҳои глобалӣ дар самти об, сиёсати давлатӣ, мубориза бо терроризм ва пандемияи COVID-19, инчунин, тарғиби арзишҳои миллӣ, забони давлатӣ, таърих ва фарҳанги тоҷик, рӯзнома на танҳо иттилоърасон, балки омили муҳимми ташаккули шуури сиёсӣ, худшиносии миллӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ мегардад. Таҳлили намунаҳои мушаххаси матолиб, рубрикаҳои доимӣ ва озмунҳои эҷодӣ нишон медиҳад, ки «Ҷумҳурият» тавассути баланд бардоштани эътимоди ҷомеа ба иттилооти расмӣ, ташвиқи созандагиву ободкорӣ ва бедории фикрии ҷомеа дар низоми ВАО-и миллӣ нақши калидии идеологӣ ва маърифатӣ иҷро карда, ҳамчун манбаи боэътимоди иттилоотӣ ва абзори ташаккули афкори умум дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

**Фасли сеюми боби дуюм «Телевизиони Тоҷикистон ва махсусияти барномаҳои он дар фазои иттилоотӣ»** унвон дошта, нақши «Телевизиони Тоҷикистон» дар фазои рақобати иттилоотии муосир баррасӣ намуда, он ҳамчун яке аз воситаҳои пурқувваттарини таъсир ба афкори умум ва ташаккули муҳити иҷтимоӣ-сиёсиву фарҳангӣ таҳлил мегардад. Муҳаққиқ А. Саъдуллоев чунин андеша дорад, ки «Сарогӯзи воситаҳои ахбори умум дар ҳамаи давру замонҳо ва ҷараёнҳо таъсир расонидан ба самтҳои идеологии даврон, ташаккули афкори омма, завқбахшӣ ба кору фаъолият, баланд бурдани сатҳи ғоявӣ, умумимаърифатӣ, фароҳам сохтани шароит ба ташвиқ ва тарғиби хаттӣ, телевизионӣ ва шифоҳӣ ва гузоштани талаботи қатъӣ ба ин фаъолият будааст» [15, с. 33]. Вобаста ба давру замон, телевизион дар маркази фаъолияти худ ғояҳоеро ҷой медиҳад, ки таблиғгари идологияи давр бошад. Ба ҳамин маънӣ муҳаққиқи журналистикаи тоҷик И. Усмонов мегӯяд: «Ғояи таблиғ кардан мақсади азалии дастгоҳи идеологӣ буду ҳаст. Дар журналистика таблиғ, вазифа ва мақсади ниҳоиро ифода мекунад» [18, с. 34].

Муҳаққиқ бо такя ба назарияҳои барномасозии телевизионӣ ва таърихи ташаккули «Студияи Душанбе» аз соли 1959 то давраи соҳибистиқлолӣ, нишон медиҳад, ки барномаҳои «Телевизиони Тоҷикистон» – аз «Агроиқтисод», «Тоҷикистон ва ҷаҳон», «Ахтарони адаб», «Муд», «Парвози шоҳин», «Равондармонӣ», «Атри сухан», «Этикет», «Эҷод», «Роҳи рушд», «Дар мавзуи рӯз», «Ҳукумат», «Меҳвар», «Андоз бақои давлат», «Ҷаҳони иқтисод» ва дигарон, бо фарогирии масоили иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, тарбиявӣ ва ахлоқӣ дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ, тарғиби истиқлолият, худшиносии миллӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, ахлоқи оилавӣ, фарҳанги либоспӯшӣ, эҳёи ҳунарҳо ва адабиёти классикӣ саҳми назаррас мегузоранд ва ҳамчун абзори муҳимми ташаккули афкори созандау ватандӯстона амал мекунанд. Ҳамзамон, дар баробари таъкид бар паҳлуҳои мусбат, муаллиф ба сабаби якрангӣ, сунъият, тӯлонӣ будани

вақти эфирҳо, камбуди ҷозибаи визуалӣ ва заъфи таҳлили расонаӣ дар бархе барномаҳо (монанди «Сайри маънӣ», «Як ба як», «Андоз бақои давлат») ишора карда, зарурати таҷдиди назар дар сиёсати муҳтавои барномасозӣ, кӯтоҳ намудани формату вақти барномаҳо, истифодаи шаклҳои муосири пешниҳод ва ҷалби мутахассисони касбиро барои мутобиқ гардидани фаъолияти телевизион ба талаботи аудиторияи рақамӣ ва таҳкими минбаъдаи нақши он дар ташаккули афкори умум, иттиҳоди иҷтимоӣ ва худогоҳии шаҳрвандон муҳим арзёбӣ менамояд.

**Боби сеюми диссертатсия «Назарпурсӣ – василаи омӯзиш ва таҳқиқи афкори омма»** ном дорад. Дар ин боб дар асоси таҳлили назари коршиносон натиҷаҳои таҳқиқи таҷрибавии бо усули назарпурсӣ анҷом додашуда ва паҳлуҳои гуногуни таъсири ВАО ба шаклгирии афкори ҷомеа баррасӣ гардидааст.

**Фасли якуми ин боб – «Баррасии назари коршиносон дар бораи нақши расонаҳо дар афкори омма»** бештар таҳлили назарсанҷии илмӣ бо мутахассисону коршиносонро дар бар мегирад. Зимни таҳлил муайян гардид, ки ВАО дар шароити ҷомеаи иттилоотии муосир дигар танҳо василаи одии хабаррасонӣ набуда, балки ба сифати абзори асосии ташаккули афкори ҷамъиятӣ, рафтори иҷтимоиву сиёсӣ ва ҳатто самтгирии қарорҳои давлатӣ амал мекунад. Аз баррасиву арзёбии коршиносон бармеояд, ки гарчанде муносибат ба мафҳуми «ҳокимияти чорум» будани ВАО гуногун аст, аммо аксари онҳо нақши калидии расонаҳоро дар ташаккули дарки воқеият, сохтани рӯзномаи ҷомеа, таъсир ба интихоби шаҳрвандон ва шаклгирии муносибат ба ҳодисаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ эътироф мекунанд. Маҳз дараҷаи эътимоднокӣ, ҳақиқатнигории иттилоот, интихоби мавзуъ ва тарзи пешниҳод кардани он (заминаи мусбат ё манфӣ) муайянкунандагони асосии қудрати таъсиррасонии ВАО дониста шудаанд. Инчунин, дар андешаҳои мутахассисон таъкид мешавад, ки ВАО на танҳо афкор, балки рафтори одамонро низ шакл медиҳад. Аз қарорҳои ҳаррӯзаи

шахсӣ то муносибат ба интихобот, сиёсатмадорон ва равандҳои глобалӣ, ки он ҷо дебатҳои телевизионӣ, ток-шоуҳо ва маъракаҳои иттилоотӣ метавонанд натиҷаҳои маъракаҳои сиёсиро ба таври ҷиддӣ тағйир диҳанд.

Ҳамзамон, аз пурсишу мусоҳибаҳо бармеояд, ки таъсиргузории воқеии ВАО ба афкори умум дар Тоҷикистон ва фазои пасошуравӣ аз як қатор маҳдудиятҳо ва мушкилот вобаста аст. Факторҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, сатҳи пасти рақобати касбӣ, худсензура, вобастагии молиявӣ ва таъсири соҳибони расонаҳо ба муҳтаво аз ҷумлаи онҳо мебошад. Коршиносон, аз як тараф, анъанаҳои сензура, назорати сиёсӣ ва «пиёда кардани стандартҳои ғарбӣ»-ро бидуни мутобиқсозӣ ба менталитети миллӣ омиле медонанд, ки метавонад ба ноустувории идеологӣ ва амният хатар эҷод кунад. Аз ҷониби дигар, набудани журналистикаи воқеан мустақил, таҳлилӣ ва касбӣ, камбуди рӯзноманигорони босавод ва масъулияти пасти ахлоқӣ боис мешавад, ки фазои иттилоотӣ на ҳамеша ба талаботи ҷомеаи демократӣ ҷавобгӯ бошад. Дар хулосаи зербоб зарурати барқарор ва таҳким бахшидани эътимод байни ҷомеа ва ВАО, боло бурдани сатҳи касбият ва саводи расонаӣ, таъмини шаффофият, коҳиши худсензура ва мутобиқ намудани таҷрибаи ҷаҳонӣ ба шароити миллию фарҳангии Тоҷикистонро ҳамчун шарти муҳимми қувваи таъсиррасонии расонаҳо ба афкори ҷамъиятӣ ва таҳкими амнияти иттилоотии кишвар нишон дода шудааст.

Саволҳои пурсишнома оид ба нақши ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, таъсири он ба қабули қарорҳои сиёсӣ, фарқияти расонаҳои хусусиву давлатӣ, мушкилоти сензура ва мавҷудияти «ҷангҳои иттилоотӣ» таркиб ёфта, ба воситаи он назару андешаҳои гурӯҳи васеи коршиносону журналистон ҷамъоварӣ шуданд. Натиҷаҳои бадастомада нишон доданд, ки бо вуҷуди гуногунии назарҳо, аксари мусоҳибон ба нақши муассири воситаҳои ахбори омма дар шаклдиҳии афкори ҷамъиятии муосир назари яксон дошта, онро яке аз омилҳои калидии рушди ҷомеа маънидод

шудаанд. Бархе иштирокчиёни назарпурсӣ расонаҳоро шартан «ҳокимияти чаҳорум» баҳогузорӣ намуда, таъкид мекунанд, ки ВАО метавонад тавассути инъикоси манфиатҳои ҷамъиятӣ афкори оммаро таҳти таъсир қарор диҳад. Иддаи дигар бошад, расонаҳоро бештар минбари ифодаи иродаи мардум унвон намуда, вуҷуди афкори умумро ҳамчун қувваи воқеӣ таъкид менамоянд. Ҳамчунин, иштирокчиён зикр карданд, ки ВАО бо пешниҳоди саривақтии иттилооти дуруст на танҳо афкор, балки рафтори иҷтимоии шаҳрвандонро шакл медиҳад, аммо таъсири он бевосита ба сатҳи эътимоднокии хабару гузоришҳояш вобаста аст. Аз таҳлилу пажуҳиш бармеояд, ки воситаҳои ахбори омма ба раванди сиёсӣ низ таъсири намоён доранд, гурӯҳҳои гуногуни манфиатдор ВАО-ро ҳамчун абзори муҳимми ташаккули афкори интихоботӣ ва дастёбӣ ба ҳадафҳои сиёсӣ кор мефармоянд, ки ин метавонад ба ҷараёни қабули қарорҳои ҳукуматӣ таъсир расонад. Дар маҷмуъ, хулосаи фасли мазкур аз он иборат аст, ки дар ҷомеаи иттилоотии имрӯза расонаҳо нақши калидиро дар ташаккули шуур ва афкори ҷамъиятӣ иҷро менамоянд. Натиҷаҳои ин таҳқиқоти сотсиологӣ ҳамчун замина ва тавсияҳои муҳим барои ҷамъбасти ниҳоии рисола хидмат мекунанд.

Рушди босуръати технологияҳои муосир ҳаёти инсонро дигаргун сохта, нақши воситаҳои ахбори омма (ВАО)-ро тағйир дод. Гарчанде ВАО дигар ягона манбаи иттилоот нест, вале то ҳол дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, фарҳанги сиёсӣ ва равандҳои иҷтимоӣ нақши калидӣ дорад.

Дар ҷаҳони рақамӣ, шинохти аудитория, донистани ниёз, ангеза ва рафтори иттилоотии шаҳрвандон унсури муҳимми фаъолияти самарабахши расонаҳо мебошад. Имрӯз расонаҳо танҳо хабар намедиҳанд, онҳо воқеият, арзишҳо ва ҳувияти иҷтимоиро шакл медиҳанд. Аз ин рӯ, масъулияти онҳо фаротар аз иттилоотрасонӣ буда, таҳлил, тарбия ва бедор кардани худогоҳии миллӣ низро дар бар мегирад.

ВАО вазифаҳои асосӣ дорад, интиқоли иттилоот, шарҳи рӯйдодҳо ва арзёбии вокуниши ҷомеа. Он ҳамчун воситаи

назорат ва танқиди ҷамъиятӣ дар рушди демократия ва қонунмандӣ нақши муҳим мебозад. Ҳамзамон, тавассути телевизион, радио ва интернет, ВАО дар таҳкими ватандӯстӣ, ҳувияти миллӣ ва суботи иҷтимоӣ саҳм мегузорад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ расонаҳои миллӣ бояд на танҳо хабаррасон, балки сипари иттилоотӣ ва ҳимоятгари манфиатҳои миллӣ бошанд. Онҳо тавассути муҳтавои боэътимод ва таҳлилӣ метавонанд сатҳи маърифати шаҳрвандонро боло бурда, худогоҳии миллиро таҳким бахшанд.

**Дар фасли дуюми ин боб, ки «Таъсири расонаҳо дар шинохти аудитория»** унвон дорад, асосан варақаҳои пурсишномаҳои оморӣ бо намояндагони қишрҳои гуногуни аҳолӣ таҳлил гардида, натиҷаҳои он бо назарияҳои пешқадами коммуникатсионии муосири ҷаҳонӣ муқоиса гардидааст.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки имрӯз расонаҳои миллӣ барои муассир будан маҷбуранд, муҳтавои худро ба синну сол, сатҳи маърифат, манфиатҳо ва арзишҳои фарҳангии аудитория мутобиқ созанд; дар акси ҳол, бо хатарҳои аз даст додани таъсир ва коҳиши эътимод рӯ ба рӯ мешаванд. Ба воситаи татбиқи модели коммуникатсионии Лассуэлл, инчунин назарияҳои «agenda-setting» ва «framing», муаллиф собит месозад, ки чӣ гуна ВАО дар Тоҷикистон бо интихоби мавзуъҳо, тарзи чаҳорчӯбсозии воқеият ва шакли пешниҳоди иттилоот рӯйхати аҳаммиятнокии масъалаҳоро дар зеҳни шаҳрвандон месозанд, арзишҳо ва афзалиятҳои онҳоро шакл медиҳанд ва ба таври ҳадафманд ба сатҳи огоҳӣ, ҷаҳонбинӣ ва рафтори иҷтимоиву сиёсӣ таъсир мерасонанд. Ин раванд, бахусус, дар заминаи ҳифзи худшиносии миллӣ, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва ташаккули «масунияти иттилоотӣ» аҳаммияти махсус касб мекунад, зеро расонаҳои миллӣ ҳамчун як навъ сипари маънавӣ бар зидди иттилооти таҳрифшуда ва ғаразнок амал менамоянд.

Натиҷаҳои пурсиши сотсиологӣ нишон доданд, ки дар муҳити иттилоотии Тоҷикистон ҷавонон ва занон ба ҳайси

гурӯҳҳои фаъоли аудиторияи ВАО баромад мекунанд: 84 дарсади иштирокчиён синни 16-25 доранд ва беш аз нисфашон занонанд, ки ин далолат аз он медиҳад, ки шабакаҳо ва паёмҳои расонаӣ то ҷое ба ниёз ва завқи ин қишрҳо мутобиқ шудаанд. Тақрибан 78,6% иштирокчиён интернет ва шабакаҳои иҷтимоиро манбаи асосии иттилоот меҳисобанд, дар ҳоле ки телевизион, радио ва матбуоти даврӣ ҳарчанд мавқеи худро аз даст дода бошанд ҳам, ҳанӯз ҳамчун сарчашмаҳои нисбатан боэътимод ва муассири иттилоот ва таҳлил истифода мешаванд, аз ҷумла, нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» аз ин шаҳодат медиҳад. Ҷавобҳо нишон медиҳанд, ки омилҳои асосии рӯ овардан ба шабакаҳои иҷтимоӣ суръат, дастрасӣ, камхарҷӣ ва фардисозии муҳтаво мебошанд, дар ҳоле ки сатҳи эътимоднокӣ аксаран дар мадди дуюм мемонад, ки ин барои амнияти иттилоотӣ ва сифати афкори умум ҳам имконият ва ҳам хатар эҷод мекунад.

Дар ин фасл, ҳамчунин, назарияҳои мутахассисони аврупоиву амрикоӣ, ки ба масъалаи нақши ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ бахшида шудааст, таҳлил карда шудаанд. Дар таҳқиқи мазкур муайян гардид, ки фаъолияти ВАО дар Тоҷикистон бо се назарияи асосии коммуникатсионӣ – модели Лассуэлл [38], назарияи «Agenda-Setting» [39] ва назарияи «Framing» [40] мутобиқати назариявӣ ва амалӣ дорад.

Барои муайян кардани муносибати шаҳрвандон ба ВАО дар Тоҷикистон таҳқиқоти сотсиологӣ анҷом дода шуд, ки сатҳи истифодаи манбаъҳои ахбор, дараҷаи эътимод ба расонаҳои миллӣ ва нақши онҳо дар ташаккули афкори ҷамъиятиро арзёбӣ намуд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки ВАО дар боло бурдани маърифати сиёсиву иҷтимоии шаҳрвандон ва таҳкими ҳувияти миллӣ нақши муассир дорад. Ҳамчунин, натиҷаи пурсишномаи сотсиологӣ бо назарияҳои илмии коммуникатсионӣ муқоиса карда шуд, ки дар натиҷаи он аз ҷониби муаллиф «Назарияи миллии ҳамбастагии иттилоотӣ», ки ҷавобгӯ ба шароити иҷтимоиву сиёсии Тоҷикистон ва фазои ВАО-и миллӣ мебошад, пешниҳод карда шудааст.

Ин қисмати пурсишнома бо иштироки аҳолии касбу кор ва синну сол гуногун баргузор карда шудааст. Тибқи натиҷаҳо аз шумораи умумии 84 нафар иштирокдор 52 нафарро зан ва 32 нафарро мард ташкил доданд:

**Диаграммаи №1.**




[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Дар заминаи пажуҳиш бармеояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи бонувон ба матбуоти даврӣ ва шабакаҳои телевизиониву радиоӣ, ки асосан ВАО-и миллиро ташкил менамоянд, зиёд мебошанд. Бонувон ҳамчун қишри пешсафи ҷомеаи Тоҷикистон имрӯз дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ иштирок намуда, фаъолияти назаррас нишон медиҳанд. Таваҷҷуҳи камтар доштани мардон бештар ба хоҳиши дар пурсишнома иштирок накардани онҳо вобаста мебошад.

Қисмати асосии иштирокдорони пурсишнома синну соли миёна доранд [Расми №1].

***Расми №1.***




[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Маълум гардид, ки 84,5% иштирокчиёнро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки ин нишондод аҳаммияти ВАО-ро дар ташаккули тафаккури насли ҷавон таъкид мекунад. Бо дарназардошти он ки беш аз 60% аҳолии кишварро ҷавонон ташкил медиҳанд, ин натиҷа метавонад андеша ва муносибати аксари ҷомеаро ифода намояд.

Пурсишнома ба таҳлили дараҷаи таваҷҷуҳ ва таъсири хабару иттилооти ВАО-и миллӣ ба ҷомеа нигаронда шуда, аввалин савол ба манбаи асосии иттилоот, яъне, кадом навъи ВАО бештар истифода мешавад, бахшида шудааст. Ҷавобҳои иштирокчиён имконият доданд, ки бартарии намудҳои гуногуни расонаҳо дар байни аҳолӣ муайян карда шавад [Расми №2].

***Расми №2.***




[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Аз натиҷаи таҳқиқот мушаххас гардид, ки 78,6% иштирокчиёни пурсишнома сомонаҳои иҷтимоиро ҳамчун манбаи асосии иттилоот медонанд. Ин нишон медиҳад, ки шабакаҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ҷойи ВАО-и анъанавӣ – рӯзнома, радио ва телевизионро то андозае ишғол намуда, ба манбаи асосии иттилоот табдил ёфтаанд. Маҳбубияти шабакаҳои иҷтимоӣ ба осонии дастрасӣ, суръати паҳнкунии ахбор, имкони мубодилаи мустақим ва табодули фикрҳо вобаста аст. Дар муқоиса бо расонаҳои анъанавӣ онҳо ба ҳар як корбар

имкон медиҳанд, ки на танҳо қабулкунанда, балки тавлидкунандаи иттилоот бошанд. Алгоритмҳои автоматикии онҳо мундаричаро мувофиқи завқи истифодабаранда пешниҳод мекунанд, ки ин раванди дарёфти ахборро мусоид мегардонад. Бо ҳамин сабаб, сомонаҳои иҷтимоӣ имрӯз дар байни аҳолӣ, махсусан, миёни ҷавонон бештар истифода мешаванд ва нақши ҳалкунанда дар ташаккули афкор ва рафтори иттилоотии ҷомеа доранд.

Зимни пурсишнома иштирокчиён ба саволе, ки «Чаро маҳз ин воситаро истифода мебаред?» ҷавобҳои зайлро пешниҳод намудаанд [Расми №3]:

***Расми №3.***




[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Аз таҳлили натиҷаҳо маълум шуд, ки аксари шаҳрвандон ҳангоми интихоби манбаи иттилоот ба суръат ва осонии дастрасӣ бештар таваҷҷуҳ доранд, на ба дақиқият ва эътимоднокии он. Омӯзиши сабабҳо нишон дод, ки ин ҳолат аз чанд омил сарчашма мегирад:

1. Маҳдудияти имкониятҳои ВАО-и анъанавӣ, ки иттилоотро бо таъхир пахн менамоянд.

2. Муҳоҷирати меҳнатӣ, ки дастрасии қисме аз шаҳрвандонро ба расонаҳои ватанӣ маҳдуд мекунад.

3. Вазъи иқтисодию техникӣ ва хароҷоти баланди истеҳсол ва нашри маводи ВАО.

4. Зарурати мутобиқшавӣ ба ҷаҳони зудтағйирёбанда, ки маълумоти фавриро талаб мекунад.

Ҳамин тавр, талаботи афзоянда ба иттилооти фаврӣ ва бемамониат бо дигаргуниҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва технологӣ марбут аст. Бо вуҷуди болоравии маҳбубияти шабакаҳои иҷтимоӣ, ВАО-и анъанавӣ то ҳол нақши худро дар паҳнкунии иттилооти муътамад нигоҳ медоранд.

***Ҷадвали №1.***

| **ВАО-и дӯстдоштаатонро чӣ гуна дастрас менамоед?** | | | |
|---|---|---|---|
| Вариант | Ҷавобҳои барои интихоб | Шумора | Бо ҳисоби фоиз |
| А | Тамошо мекунам | 21 | 25% |
| Б | Тариқи телефон огоҳ мешавам | 53 | 63,1% |
| В | Дар роҳ | 2 | 2,4% |
| Г | Обуна ҳастам | 5 | 5,9% |
| Ғ | Харидорӣ менамоям | 3 | 3,6% |

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки гарчанде аксарияти шаҳрвандон иттилоотро асосан тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ дарёфт мекунанд, вале қисми муайяни аҳолӣ то ҳол ба ВАО-и анъанавӣ – телевизион, радио ва матбуот таваҷҷуҳ доранд. Аз рӯйи маълумот, тақрибан 2 миллион нафар шаҳрванд аз телефонҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ истифода менамоянд, дар ҳоле ки беш аз 500 ҳазор нафар иттилоотро аз рӯзномаву маҷаллаҳо мегиранд. Ин нишон медиҳад, ки ВАО-и анъанавӣ ҳарчанд мавқеи худро қисман аз даст додаанд, вале то ҳол ҳамчун манбаи иттилооти боэътимод боқӣ мондаанд.

Илова бар ин, пурсишнома нишон дод, ки таваҷҷуҳи истифодабарандагони ВАО аз рӯйи мавзуъҳо низ фарқ мекунад. Дар миёни аҳолӣ бештар мавзуъҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Ин ҳолат бо аҳаммияти ин соҳаҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ, таҳкими ҳувияти миллӣ ва суботи ҷомеа алоқаманд мебошад [Расми 4].

***Расми №4.***




[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Дар бахши сиёсӣ шаҳрвандон бештар мехоҳанд аз қарорҳои ҳукумат, муносибатҳои байналмилалӣ, ислоҳоти иқтисодӣ ва интихобот огоҳ бошанд, зеро ин маълумот ба зиндагии ҳаррӯзаи онҳо таъсир мегузорад. ВАО дар ин раванд нақши муҳимми иттилоъдиҳӣ ва ташаккули мафкураи сиёсиро иҷро мекунад. Расонаҳо воситаи асосии ҳифзи арзишҳои миллӣ, забон, адабиёт, мусиқӣ ва анъанаҳои мардумӣ мебошанд. Мардум тавассути ВАО аз чорабиниҳои фарҳангӣ, фестивалҳо ва идҳои миллӣ, ба мисли Наврӯз огоҳ мегарданд, ки ин ба таҳкими ҳувияти миллӣ мусоидат менамояд. Варзиш низ аз мавзуъҳои серталаб аст. Варзишгарони тоҷик бо дастовардҳои худ ҳисси ифтихори миллӣ ва ваҳдати ҷомеаро тақвият мебахшанд. Нашрияҳо ва шабакаҳои телевизионӣ ин

рӯйдодҳоро фаъолона инъикос намуда, таваҷҷуҳи тамошобинонро меафзоянд.

Тибқи натиҷаҳои пурсишнома, 11,9% иштирокчиён бештар ба барномаҳои телевизионӣ таваҷҷуҳ доранд. Дар миёни онҳо барномаҳои таҳлилӣ ва иттилоотии «Тоҷикистон ва ҷаҳон», «Мавзуи рӯз», «Масъулият», «Нишони ифтихор», «Партави маърифат», «Илм ва инноватсия» ва «Зан ва ҷомеа» аз ҷойгоҳи махсус бархӯрдоранд, зеро масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро фаро мегиранд. Ин нишон медиҳад, ки ҳарчанд шабакаҳои иҷтимоӣ мавқеи пешсаф доранд, аммо телевизион ҳамоно манбаи муҳимми иттилооти таҳлилӣ ва боэътимод барои қисми муайяни аҳолӣ боқӣ мемонад.

Натиҷа ба таври зайл муайян карда шуд [Диаграммаи 2]:

***Диаграммаи 2.***




[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Аз натиҷаҳои пурсишнома бармеояд, ки аксари иштирокчиён барномаҳои зикршударо мунтазам пайгирӣ мекунанд ва муҳтавои онҳоро мувофиқ ба ниёзҳои иттилоотии худ медонанд. Дар миёни онҳо барномаҳои «Тоҷикистон ва ҷаҳон», «Мавзуи рӯз» ва «Илм ва инноватсия» бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Ин далел аз он шаҳодат медиҳад, ки пурсишнома самаранок таҳия гардида, таҳлили анҷомдодашуда воқеияти иттилоотии ҷомеаро инъикос мекунад.

Ҳангоми пурсиш оид ба барномаҳои радио низ иштирокчиён аз барномаҳои «Сарват», «Дармон», «Раҳнамун», «Руҳафзо», «Ватанпарвар», «Аз фурӯғ то фурӯғ», «Ҷаҳони андеша», «Тафсир», «Ҳамқадами замон» ва «Ҷаҳони варзиш» бештар ном бурданд. Ин нишон медиҳад, ки расонаҳои радиоӣ, ҳарчанд аз лиҳози миқёси шунавандагон маҳдудтаранд, вале то ҳол қобилияти ҷалби аудиторияи устувор ва таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятиро нигоҳ доштаанд [Диаграммаи №3].

***Диаграммаи №3.***




[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Матбуоти даврӣ дар Тоҷикистон сарфи назар аз рақобати шабакаҳои иҷтимоӣ, то ҳол дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва боло бурдани сатҳи маърифати шаҳрвандон нақши муҳим дорад. Рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо бо пешниҳоди хабарҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба огоҳии ҷомеа ва таҳкими худшиносии миллӣ мусоидат мекунанд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини таъсири матбуоти чопӣ қобилияти он дар таҳлили амиқи равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад. Мақолаҳо, мусоҳибаҳо бо коршиносон ва баррасиҳои фарогир ба хонандагон имкон медиҳанд, ки рӯйдодҳои мураккабро дуруст дарк карда, нуқтаи назари мустақили худро

ташаккул диҳанд. Илова бар ин, матбуоти чопӣ дар ҳифзи забон, анъана ва арзишҳои фарҳангии миллӣ саҳми назаррас дорад.

Тибқи натиҷаҳои пурсишнома, аз шумораи умумии иштирокчиён 51,2% ба нашрияҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» таваҷҷуҳ доранд ва онҳоро мунтазам мутолиа мекунанд; 22,6% бо ин нашрияҳо шинос нестанд ва 26,1% бетарафӣ нишон доданд. Маълум мегардад, ки бо вуҷуди коҳиши теъдоди хонандагон дар замони рақамӣ, рӯзномаҳои миллӣ то ҳол манбаи боэътимоди иттилоот буда, дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва рушди тафаккури интиқодӣ мавқеи устувор доранд [расми 5].

***Расми 5.***




[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Аз натиҷаҳои пурсишнома бармеояд, ки бо вуҷуди болоравии нақши шабакаҳои иҷтимоӣ, аҳолии Тоҷикистон то ҳол аз рӯзномаву маҷаллаҳо рӯй нагардонидаанд. Онҳо нашрияҳои чопиро ҳамчун манбаи боэътимоди иттилоот истифода мебаранд. Аз миёни рӯзномаҳои пешниҳодшуда, таваҷҷуҳи бештар ба «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» равона шудааст, ки ин аз эътимоди баланд ба мазмун ва сиёсати иттилоотии ин нашрияҳо шаҳодат медиҳад.

Яке аз паҳлуҳои ҷолиби таҳқиқот интихоби рӯзноманигорони писандида буд ва пурсидашудагон чандин

нафаронро ном бурдаанд. Ин далел нишон медиҳад, ки ҷомеа фаъолияти рӯзноманигоронро пайгирӣ ва арзёбӣ мекунад, ки ин худ нишонаи болоравии фарҳанги иттилоотӣ ва огоҳии шаҳрвандон мебошад.

Дар қисми ниҳоии пурсиш, ки ба масъалаи манфиат ва нақши ВАО дар зиндагии шаҳрвандон бахшида шуд, аксарияти иштирокчиён таъкид намуданд, ки расонаҳо барои онҳо, пеш аз ҳама, манбаи дониш, воситаи таҳлил ва огоҳӣ аз рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоӣ ба ҳисоб меравand [Расми №6].

***Расми №6.***




[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Натиҷаҳои пурсишнома нишон медиҳанд, ки аксарияти аҳолии Тоҷикистон аз ВАО барои гирифтани иттилооти нав, огоҳӣ аз рӯйдодҳо ва такмили дониши касбӣ истифода мебаранд. Ин далел гувоҳӣ медиҳад, ки воситаҳои ахбори омма дар кишвар рисолати асосии худ интиқоли иттилооти боэътимод ва саривақтӣ ба ҷомеаро ба таври самаранок иҷро менамоянд.

Ҳамин тавр, ВАО дар Тоҷикистон имрӯз на танҳо воситаи иттилоърасонӣ, балки омили муҳимми таҳкими Ваҳдати миллӣ, рушди иҷтимоӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии солими шаҳрвандон маҳсуб меёбад.

## ХУЛОСА

Воситаҳои ахбори омма дар баробари пешниҳоди иттилоот, барои ташаккули афкори омма нақши муҳим дошта, воситаи асосии огоҳ кардани аҳолӣ, иҷтимоикунонии сиёсӣ, сафарбар кардани афкори ҷамъиятӣ ва ташаккули худшиносии миллӣ мебошанд. Таҳқиқ тасдиқ кард, ки афзоиши нуфузи рақамӣ ва васоити ахбори иҷтимоӣ ба мубодилаи озоди иттилоот ва ташаккули афкори мустақил дар байни аҳолӣ мусоидат мекунад. Гузариш аз ВАО-и анъанавӣ ба платформаҳои онлайн ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки маълумоти гуногун гиранд ва дар муҳокимаҳои ҷамъиятӣ иштирок кунанд. Ин ба огоҳии умумии аҳолӣ таъсири мусбат мерасонад ва ба иштироки фаъоли шаҳрвандӣ мусоидат мекунад, ки қадами муҳим барои таҳкими равандҳои демократӣ дар Тоҷикистон аст.

Яке аз бозёфтҳои муҳимми таҳқиқ зарурати дастгирии фаъолонаи расонаҳои мустақил дар Тоҷикистон мебошад. Татбиқи тавсияҳои тадқиқотӣ оид ба дастгирии ВАО-и мустақил ва ташкилотҳои журналистӣ ба фароҳам овардани фазои гуногуни иттилоотӣ такони ҷиддӣ бахшида, дар он нуқтаи назари гуногун озодона баён карда мешавад, ки ба фаҳмиши беҳтар ва дарки интиқодии масъалаҳои мубрами иҷтимоию сиёсӣ мусоидат мекунад.

Таҳқиқ аҳаммияти баланд бардоштани саводнокии ВАО дар байни аҳолиро таъкид намуда, ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки дар интихоби манбаъҳои иттилоот огоҳона муносибат кунанд ва қобилияти интиқодӣ қабул кардани хабарро афзоиш диҳанд. Маърифати аҳолӣ дар бораи асосҳои саводи расонаӣ барои шинохти иттилооти дурӯғ ва воқеӣ бояд баданд бардошта шавад, то таъсири манфии хабарҳои беасос ва қалбакӣ пешгирӣ гардад.

Таҳқиқи нақши ВАО ҷиҳати ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон қадами муҳим барои дарки равандҳои муосири иттилоотӣ буда, натиҷаҳои он метавонанд ба таҳияи стратегияҳои муассири рушди сиёсат ва маърифати иттилоотии ҷомеа мусоидат намоянд. Таъсири ВАО ба дарки воқеият аз ҷониби шаҳрвандон бо маълумоти эмпирикӣ ва равишҳои назариявии дар ин кор омӯхташуда тасдиқ карда мешавад. Кори диссертатсионии мо низ бо дарназардошти ҳамин нуктаҳо ва бо

фарогирии мақсаду вазифаҳои мушаххас сурат гирифта, ки ба чунин натиҷаҳо расидем:

1. ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, боло бурдани сатҳи огоҳии шаҳрвандон ва ташкили муносибати онҳо ба равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши калидӣ дорад. Он дар паҳн кардани иттилоот дар бораи сиёсати давлатӣ, қонунгузорӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва дигар масъалаҳои муҳим фаъолона саҳм мегузорад [1-М].

2. Барои қисми зиёди аҳолӣ, хусусан, ҷавонон ВАО на танҳо манбаи иттилоот, балки воситаи маърифатӣ ва фарҳангӣ мебошад. Расонаҳо бо инъикоси мавзуъҳои миллӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ ба таҳкими худшиносии миллӣ ва тарбияи ватандӯстии насли нав мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, бо баррасии мушкилоти иҷтимоӣ, аз қабили камбизоатӣ, муҳити зист ва ҳуқуқи инсон, расонаҳо ба баланд бардоштани сатҳи шуури шаҳрвандон ва ташаккули ҷаҳонбинии интиқодӣ кумак мерасонанд [6-М; 13-М].

3. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва паҳншавии иттилооти таҳрифшуда зарурати таҳкими саводи расонаӣ ва қобилияти таҳлилии шаҳрвандон беш аз пеш эҳсос мешавад. Аз ин рӯ, ҳамоҳангии сиёсати иттилоотӣ, рушди касбии журналистон ва баланд бардоштани фарҳанги иттилоотии ҷомеа бояд самтҳои афзалиятноки минбаъдаи фаъолият бошанд [2-М].

4. Таҳқиқ василаҳои асосии таъсири ВАО ба афкори ҷамъиятиро муайян кард. Дар шароити рушди интернет ва технологияҳои иттилоотию рақамӣ ВАО-и анъанавӣ (телевизион, радио, нашрияҳои чопӣ) ҳарчанд то андозае вазифаи худро нигоҳ медоранд, аммо торафт шабакаҳои иҷтимоӣ нақши бештар мебозанд. Ин таҳаввулот бознигарии равишҳои танзими фаъолияти ВАО ва баланд бардоштани саводи расонаии аҳолиро талаб мекунад [7-М].

5. Таҳқиқот нишон дод, ки сатҳи эътимод ба ВАО дар Тоҷикистон аз омилҳои марбут ба объективият ва мустақилияти журналистика вобаста аст. Махсусан, зимни баргузории пурсишномаи сотсиологӣ бо посухдиҳандагон ин нуқта пурра инъикос карда шуд ва аз ҷониби онҳо фикру ақидаҳои ҷолиб барои пешбурди фаъолияти ВАО дар Тоҷикистон пешниҳод гардид. Танзими фаъолияти ВАО зарур аст, аммо маҳдудиятҳо метавонад эътимоди шаҳрвандонро ба манбаъҳои расмии

иттилоот коҳиш диҳад ва ҷустуҷӯи иттилоъро дар платформаҳои алтернативӣ бештар кунад. Дар робита ба ин масъала, бояд боварии аҳолӣ ба ВАО ва пешниҳоди иттилоот аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва сохторҳои дахлдори он таъмин карда шаванд [5-М].

6. Дар такя ба таҷрибаи миллӣ ва назарияҳои ҷаҳонӣ метавон «назарияи миллии ҳамбастагии иттилоотӣ»-ро ташаккул дод, ки тибқи он ВАО дар ҷомеаи Тоҷикистон на танҳо интиқолдиҳандаи иттилоот, балки омили ҳамбастагии иҷтимоӣ, таҳкими худшиносии миллӣ ва устувории давлатдорӣ мегардад. Барои амалӣ шудани ин модел зарур аст, ки сиёсати иттилоотии давлатӣ, сатҳи саводи расонаӣ ва таҳкими иқтидори касбии рӯзноманигорон дар як низоми ягона ва ҳамоҳанг рушд дода шаванд [4-М; 11-М].

7. Таҳқиқ исбот кард, ки афзоиши нуфузи рақамӣ ва васоити ахбори иҷтимоӣ ба мубодилаи озоди иттилоот ва ташаккули афкори мустақил дар байни аҳолӣ такони ҷиддӣ мебахашад. Гузариш аз ВАО-и анъанавӣ ба платформаҳои онлайнӣ ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки маълумоти гуногун гиранд ва дар муҳокимаҳои ҷамъиятӣ иштирок кунанд. Ин ба огоҳии умумии аҳолӣ таъсири мусбат расонида, ба иштироки фаъоли шаҳрвандон мусоидат мекунад ва ин омил равандҳои демократиро дар Тоҷикистон таҳким мебахшад [3-М].

8. Яке аз паҳлуҳои муҳимми таҳқиқот зарурати дастгирии фаъолонаи расонаҳои мустақил ва ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон мебошад. Ин шакли васоити ахбори омма барои рақобати солими эҷодӣ дар бозори иттилоотӣ нақш дошта, имкони ифодаи афкорро барои қишрҳои гуногуни ҷомеа пешниҳод мекунанд. Татбиқи он ба фароҳам овардани фазои гуногуни иттилоотӣ мусоидат мекунад [5-М].

9. Таҳқиқ зарурати саводи расонаиро таъкид намуда, ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки дар интихоби манбаъҳои иттилоот огоҳона муносибат кунанд ва қобилияти интиқодӣ қабул кардани хабарро афзоиш диҳанд. Ба аҳолӣ дар бораи асосҳои саводи расонаӣ ва шинохти хабарҳои қалбакӣ ва воқеӣ бояд маълумот дода шавад, то аз таъсири манфии хабарҳои беасос пешгирӣ гардад [8-М].

10. Таҳқиқи нақши ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон қадами муҳим дар фаҳмидани равандҳои

муосири иттилоотӣ буда, натиҷаҳои он метавонанд ба таҳияи стратегияҳои муассири рушди иттилоотии ҷомеа мусоидат намоянд. Барои такмили сиёсати иттилоотӣ дар Тоҷикистон рушди ВАО-и гуногунмоликият, таъмини гуногунандешии ақидаҳо, баланд бардоштани сатҳи касбии рӯзноманигорон ва ҷорӣ кардани фаъолонаи саводи расонаӣ дар ҷомеа муҳим мебошад [9-М; 14-М].

11. Таҳқиқ муайян намуд, ки зарурати қабули қонунҳо, ки фаъолияти шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар платформаҳои онлайниро барои риояи стандартҳои қатъии паҳнкунии иттилоот танзим намоянд, ба миён омадааст. Ин стандартҳо метавонанд тамғагузории ҳатмии хабарҳои қалбакӣ, рушди системаи санҷиши далелҳоро дар ВАО-и онлайнӣ дар бар гиранд. Инчунин, ҷалби намояндагони шабакаҳои иҷтимоӣ ва блогерҳо барои эҷоди кодексҳои рафтори худтанзимкунӣ муҳим аст, то одоби расонаӣ ҳифз ва таъсири манфии блогнависҳои муосир ба ҷомеа камтар карда шавад [16-М].

12. Намоишҳои мунтазами телевизионӣ, мубоҳисаҳо ва форумҳои кушодро, ки дар он намояндагони ҳукумат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва коршиносони мустақил метавонанд масъалаҳои муҳимми ҷамъиятӣ ва сиёсиро муҳокима кунанд, ба фазои ҳаррӯзаи ВАО ворид намудан лозим аст. Ин омил ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки ақидаҳои гуногунро бишнаванд ва тасвири объективии воқеаҳои рӯйдодаро ташаккул диҳанд. Дар баробари ин, талабу дархостҳои худро ба намояндагони мақомоти давлатӣ бевосита расонида, фикру ақидаҳои онҳоро оид ба ин ё он масъала шунаванд [10-М; 12-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар самтҳои зерин истифода бурдан мумкин аст:

1. Нуктаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқотро кормандони ВАО метавонанд дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ мавриди истифода қарор диҳанд, зеро он ба таҳлилу баррасии нақш ва таъсири расонаҳо ба афкори умум бахшида шудааст.

2. Роҳбарияти ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд натиҷаҳои кори диссертатсиониро дар идора ва нақшагирии фаъолияти расонаҳо ба хотири таъсири мусбат ба афкори ҷомеа истифода баранд.

3. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ метавонанд барои беҳтар кардани муносибати ҳукумат ба расонаҳо мусоидат кунанд. Барои муқовимат ба таҳмили андешаву афкори ба манфиатҳои ҷомеаи Тоҷикистон бегона зарур аст, ки ба воситаҳои ахбори омма имтиёзҳои молиявӣ дода шавад диҳанд.

4. Маводи диссертатсияро омӯзгорони ихтисоси журналистика ҳангоми таҳияи дастуру барномаҳои таълимӣ, таълими курсҳои махсус дар ин мавзуъ метавонанд истифода намоянд.

5. Маводди таҳқиқи диссертатсионӣ метавонад ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, хатм ва магистрии донишҷӯёни тахассуси журналистика ва ҳамчунин рисолаҳои илмӣ истифода шавад.

6. Ин таҳқиқ барои омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи фаъолияти расонаҳо дар самтҳои гуногун, аз ҷумла, пурсишҳои сотсиологӣ, таъсири сиёсию равонӣ ва тарғибу ташвиқи идеяҳои созанда аз тариқи ВАО замина мегузорад.

7. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ метавонанд на танҳо барои беҳтар кардани фаъолияти ВАО, балки барои дигар сохторҳои идеологӣ мавод диҳад, зеро истифода аз усулҳои муосири таъсиргузорӣ ба афкор ба хотири ҳимояи манфиату арзишҳои милливу давлатӣ ва суботи ҷомеа баманфиат хоҳад буд.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Мавлонов, Х. Д. Нақши расонаҳо дар шаклгирии афкори умум [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №3. – С. 305-310.

[2-М]. Мавлонов, Х. Д. Таъсири ҷангҳои иттилоотӣ ба афкори умум [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 3. – С. 275-279.
[3-М]. Мавлонов, Х. Д. Инъикоси низоъҳои сиёсӣ дар матбуоти ибтидои солҳои 90-уми XX [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2020. – №4/2. – С. 280-288.
[4-М]. Мавлонов, Х. Д. Нақши матбуоти ибтидои солҳои 90-ум дар ҳаёти ҷомеа [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №2. – С. 227-233.
[5-М]. Мавлонов, Х. Д. Эътимод ба ВАО – заминаи пайдоиши афкори умум [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №7. – С. 386-390.
[6-М]. Мавлонов, Х. Д. Афкори умум ва ташаккули он ба воситаи телевизион [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе. 2021, – № 5. – С. 215-219.
[7-М]. Гулов, С. Н., Мавлонов, Х. Д. Матбуот аз василаҳои аввалин дар шаклдиҳии афкори умум [Матн] / С. Н. Гулов, Х. Д. Мавлонов // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2021. – №1. – С. 114-120.
[8-М]. Мавлонов, Х. Д. Телевизион – унсури таъсиррасон ба афкори умум [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2020. – №3. – С. 83-88.
[9-М]. Давлатализода, Х. Д. Нақши воситаҳои ахбори омма дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ: таҳлили назариявӣ ва арзёбии таҷрибаи Тоҷикистон [Матн] / Х. Д. Давлатализода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Кӯлоб, 2025. – №4. – С. 359-367.

### II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашриёҳои дигари илмӣ:

[10-М]. Мавлонов, Х. Д. Телевизион – унсури таъсиррасон ба афкори умум [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Маводди

конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муҳимми идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар шароити татбиқи ҳукумати электронӣ». – Душанбе, 2020. – С. 156-160.

[11-М]. Мавлонов, Х. Д. Иттилоот воситаи муассири идоракунии афкори ҷомеа [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самаранокии он». – Душанбе, 2021. – С. 72-78.

[12-М]. Мавлонов, Х. Д. Афкори умум ва ташаккули он ба воситаи телевизион [Матн] / Х.Д. Мавлонов // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши илмҳои гуманитарӣ дар рушди илм ва маорифи кишвар». – Душанбе, 2021. – С. 219-226.

[13-М]. Мавлонов, Х. Д. Нақши барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» дар мубориазаҳои иттилоотӣ [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад (Эҳдо ба 25-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ). – Душанбе, 2022. – С. 289-293.

[14-М]. Мавлонов, Х.Д. Ифротгароии иттилоотӣ ва хатари он ба амнияти миллӣ [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Кӯлоб, 2023. – С. 54-57.

[15-М]. Мавлонов, Х. Д. Таъсири иттилоот ба арзишҳои маънавии ҷомеа дар замони муосир [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Самтҳо ва тамоюлҳои стратегии рушди журналистика, филология ва лингводидактика» (Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики). – Душанбе, 2023. – С. 163-170.

[16-М]. Мавлонов, Х. Д. Таъсири ВАО дар шаклгирии афкори умум: андеша ва воқеият [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Воситаҳои ахбори омма ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ». – Душанбе, 2025. – С. 167-174.

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

*На правах рукописи*



УДК: 659.3+321.01+1(575.3) (32.811+76;66.3 (2 тоҷик))

**ДАВЛАТАЛИЗОДА ХУРШЕД ДАВЛАТАЛИ**

# РОЛЬ СМИ В ФОРМИРОВАНИИ ОБЩЕСТВЕННОГО МНЕНИЯ

**АВТОРЕФЕРАТ**

диссертации на соискание учёной степени доктора философии (PhD) – доктора по специальности 6D050400 – Журналистика (6D050401 – Журналистика)

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертация выполнена на кафедре телевидения и радиовещания факультета журналистики Таджикского государственного университета

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Гулов Сангин Нурович** – кандидат филологических наук, завкафедрой телевидения и радиовещания Таджикского национального университета |
| **Официальные оппоненты:** | **Афсахзод Аббос Аълохон** – доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики факультета русской филологии, журналистики и медиатехнологий МОУ высшего профессионального образования «Российско-Таджикский (славянский) университет»;<br><br>**Бободжанова Мутриба Султоновна** – кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой информационных и коммуникационных технологий ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова». |
| **Ведущая оргнизация:** | **Государственное образовательное учреждение «Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава»** |

Защита диссертации состоится «16» сентября 2026 года, в 13:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-123 при Таджикском национальном университете (адрес: город Душанбе, проспект Рудаки, 17, главкорпус Таджикского национального университета, зал диссертационных советов. e-mail: zbsh@list.ru; телефон: (+992) 907-307-035).

С диссертацией можно ознакомиться в центральной библиотеке Таджикского национального университета (734025, город Душанбе, проспект Рудаки, 17) и на сайте www.tnu.tj.

Автореферат разослан «___» _______________ 2026 года.

**Учёный секретарь**
**диссертационного совета,**
**кандидат филологических наук** **Зоириён Б.Ш.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** В современном обществе средства массовой информации занимают заметное место в системе общественных коммуникаций. Их роль не сводится к простой передаче новостей. СМИ участвуют в формировании общественных представлений о политических, экономических, социальных и культурных процессах. Отбирая события, расставляя акценты и предлагая собственные интерпретации, они во многом задают направление общественного обсуждения и влияют на содержание актуальной повестки.

С развитием информационных технологий влияние медиасферы стало более ощутимым. Традиционные каналы коммуникации изменились, а цифровые платформы расширили возможности распространения информации и обратной связи с аудиторией. СМИ всё чаще выступают не только источником сведений, но и фактором, влияющим на формирование ценностных установок, моделей поведения и политических взглядов.

Особую значимость данная проблема приобретает для развивающихся государств, включая Республику Таджикистан. В этих условиях СМИ выполняют не только информационную, но и социально-интегративную функцию: способствуют политической социализации граждан, формированию гражданской активности, вовлечению населения в процессы общественного обсуждения и принятия решений, а также развитию общественного диалога.

В XX-XXI веке под влиянием информационно - коммуникативных технологий деятельность СМИ претерпела качественного изменения. В результате стремительного развития Интернета и социальных сетей информационное пространство превратилось в общемировое явление, в результате которого производство контента, его передача и уровень познания изменились коренным образом.

В сложившихся условиях СМИ из простого распространителя информации превратились в действенный фактор, которые оказывает серьезное воздействие на формирование общественного мнения. Путем выбора и трансляции событий, они формируют мировоззрение граждан, их политические позиции и социальные ценности.

Деятельность СМИ реализовывается в рамках информационных задач, социализации, политической мобилизации, контроля и развлечения. Комплексное влияние этих задач проявляется в познании действительности, оценки событий и принятии социально -политических решений. Поэтому, изучение роли СМИ, особенно, в обществах, в которых демократические институты находятся на этапе формирования, имеет теоретическое и практическое значение.

В Таджикистане, как и во многих других странах, общественное мнение формируется под влиянием различных факторов, в том числе, культурных традиций, исторических особенностей, политического режима и уровня развития информационных технологий. В этих условиях средства массовой информации продолжают выполнять системообразующую функцию, оставаясь для значительной части населения основным источником сведений о происходящих событиях. Телевидение, радио, печатные издания и интернет-ресурсы формируют у граждан представления о политических процессах, социально-экономических изменениях и ключевых направлениях общественного развития. Именно через медиапространство складывается первичная интерпретация общественно значимых событий.

Специфика общественно-политического и социально-экономического развития страны напрямую влияет на характер функционирования СМИ и степень их воздействия на массовое сознание. В условиях трансформационных процессов, связанных с экономическими реформами, институциональными изменениями и ростом гражданской активности, роль медиа как канала общественной коммуникации существенно возрастает. От содержания и характера распространяемой информации во многом зависит уровень информированности населения, а также формирование его отношения к деятельности государственных институтов, внутренней и внешней политике.

Особого внимания требует влияние новых цифровых платформ, прежде всего социальных сетей. Их распространение расширило возможности оперативного обмена информацией, усилило интерактивность коммуникации и изменило традиционную модель взаимодействия между источником информации и

аудиторией. В результате механизмы формирования общественного мнения приобрели более динамичный и многослойный характер.

В последние годы в Таджикистане наблюдается рост количества пользователей информационных ресурсов и социальных платформ, которые изменили характер взаимоотношений между государством, гражданами и различными общественными институтами. Эти изменения требуют глубокого научного познания и анализа механизмов влияния СМИ на сознание масс.

**Степень изученности научной темы.** В ходе анализа и изучения этой темы автор использовал различные научные, популярные, юридические источники, в которых были проанализированы различные аспекты деятельности СМИ в Таджикистане. Тема влияния СМИ на формирование общественного мнения для таджикского общества является относительно новой.

Именно поэтому количество научных и публицистических материалов, имеющих непосредственное отношение к исследуемой теме, относительно меньше. Но в ходе исследования были использованы различные материалы, которые относятся к юридическим наукам (юриспруденции), политологии, психологии, социологии, истории и др.

Тема формирования общественного мнения под влиянием СМИ в Таджикистане сложный и многоаспектный процесс, требующий подробного научного анализа. Сегодня исследование этого явления считается важной задачей, потому что сотрудничество между обществом и СМИ развивается под постоянным влиянием технологических, политических и социальных факторов. В научном диалоге существуют несколько методов изучения роли СМИ в формировании общественного мнения.

Политологи и социологи считают СМИ важным средством влияния на избирательные процессы, механизмом легитимации власти и средством мобилизации общественности. Психологи относят влияние информационного потока на просветительские процессы и принятие решений. Журналистов и исследователей СМИ интересуют вопросы объективности, самостоятельности и цензуры в деятельности СМИ.

На примере Таджикистана, важными считаются исследования, касающиеся влияния государственного регулирования свободы слова, развития независимых СМИ, роли социальных сетей в распространении информации, легитимации

власти и влияния контекста СМИ на формирование национальной идентичности. Поэтому, соответствующую литературу можно условно разделить на 5 групп.

1. Научные исследования отечественных исследователей, выполненные в связи с изучаемой темой. Здесь, в основном были использованы диссертации, научные статьи, различные произведения и книги учёных - И. Усмонова, А. Садуллаева, А. Нуралиева, М. Имомзода, П. Гулмуродзода, Д. Давронова, М. Муроди, М. Мукимов, Дж. Садуллаева, М. Абдуллозода, Н. Солехова, Г. Зокирова, С. Гулова, Б. Хошимзода, К. Искандарова, М. Джумаева, З. Эшматова, Н. Усмоновой, А. Макашова, И. Мирзоева, Х. Сафарзода, М. Сафарзода и др.

2. Статьи и книги зарубежных ученых. В современном мире роль СМИ и их влияние на общество особенно велико, поскольку они оказывают непосредственное воздействие на формирование политики государств и правительств, поэтому среди исследователей и учёных разных стран эта тема считается важнейшим исследовательским вопросом. Д. Алиакбари, А. Алиев, Я. Амашов, Л. Егорова, Б. Грушин, В. Ленин, М. Лойко, Р. Мухаммад, Е. Прохоров, В. Понамеров, Е. Пронина, В. Кузнецов, Ю. Цзик, Я. Юровской, В. Рудницкого и другие из числа тех ученых, которые проанализировали различные направления (аспекты) влияния СМИ на население и обществ разных стран. Они определили особенности политического, научного влияния этого мощного средства влияния.

3. Законы и нормы национального законодательства, которые являются специфичными для деятельности отечественных СМИ, регулируют их различные направления на основе требований нормативно-правовых актов страны.

4. Научно-популярные статьи, опубликованные в периодической печати и телевизионные и радийные передачи. Статьи, опубликованные в периодической печати и социальных сетях, радийные и телевизионные программы были другим источником, использованным в настоящей работе.

В ходе изучения темы, использование соответствующей литературы и указанных источников позволили дать научную оценку многим аспектам. В эту группу можно включить материалы таджикских учёных и журналистов – С. Ятимова, А. Азимова, Н. Камола, М. Мукимов, А. Рузи и др.

5. Результаты социологических опросов. В целях наибольшей эффективности результатов научного исследования были проведены социологические опросы, сыгравшие важную роль в аналитической части диссертации. Значимость диссертации связана не только с практическим характером проблемы, но и с необходимостью теоретического понимания процессов формирования общественного мнения и изменчивых условиях медийной среды.

Научное изучение влияния СМИ на общественное сознание позволяет глубже понимать механизмы социального общения и также раскрывать основные тенденции и определяющие факторы информационной политики государства.

В современном мире растёт интерес межотраслевым исследованиям в сфере СМИ, в том числе в политологии, социологии и культурологии. Анализ сотрудничества СМИ и общества в Таджикистане позволяет всесторонне изчучить теоретические научные предпосылки исследования и предложить конкретные рекомендации для развития СМИ страны.

**Связь исследования с программами либо научной тематикой.** Тема диссертационного исследования имеет глубокую связь с учебными и научными программами журналистского направления. Исследуемый вопрос является составной частью научно-исследовательских работ кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики Таджикско национального университета. Диссертация также соответствует целям реализации государственных отраслевых программ Республики Таджикистан, включая «Государственную программу развития телевидения и радио в Республике Таджикистан на 2021–2025 годы» (Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 июля 2020 г. № 429) и «Государственную программу развития цифрового телевещания в Республике Таджикистан на 2026–2030 годы» (Постановление Правительства Республики Таджикистан от 29 августа 2025 г. № 461).

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования** составляет всесторонний анализ роли СМИ в процессе формирования общественного мнения в Республике Таджикистан. В его рамках рассматриваются механизмы влияния СМИ на общественное сознание, изучаются

основные, определяющие факторы уровня информационного влияния.

Исследование направлено на определение особенностей деятельности национальных и международных СМИ в информационном пространстве Таджикистана, анализе их роли в формировании политических идей, культурных ценностей в социальных отношениях граждан.

В работе также изучается степень доверия населения к различным источникам информации, влияние цифровых и традиционных СМИ на общественное восприятие важных событий, а также роль государственных и независимых СМИ в распространении объективной информации.

На основе проведенного анализа предлагаются рекомендации для повышения эффективности работы СМИ в условиях современной информатизации в Республике Таджикистан.

**Задачи исследования.** Для достижения указанной цели, определения особенностей отражения деятельности, характерных черт и влияния СМИ в формировании общественного мнения, считаем необходимым решение следующих задач:

- исследовать основные теоретические методы по изучению влияния СМИ на общественное мнение;
- рассмотреть современные технологии СМИ и их влияния на познание информации слушателями;
- охарактеризовать структуру и особенности деятельности традиционных и цифровых СМИ в стране;
- определить влияние государственных и независимых СМИ на формирование общественного мнения;
